**ҶАШНҲОИ РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ, 31-СОЛАГИИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШУРОИ ОЛӢ ВА РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!**


*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

8 ноябри соли 2023

№ 18-19 (187-188)


**Ҳамасола бо шукӯҳу шаҳомат ҷашн гирифтани Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, эҳтиром ва ихлоси бепоён ба миллату давлат ва ниҳоят расидан ба қадри ҷоннисориву заҳматҳои бедареғи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.**

## ЧАРОҒИ РӮШАН

Чароғи равшани ҳар анҷуман ҳастӣ,
Фурӯғи субҳи пурнури Ватан ҳастӣ.
Макони рӯшноӣ мешавад Меҳан,
Ба нури ақли худ зулматшикан ҳастӣ.
Забон дар ҳар сухан номи туро гирад,
Ба ҳар гуфтори мардум сарсухан ҳастӣ.
Зи ту дорад асар сарсабзии кишвар,
Ба лавҳи сабзи ҳар боғу чаман ҳастӣ.
Сухан аз об гӯӣ баҳри шодобӣ,
Ба ҷои сад ҳазорон Кӯҳкан ҳастӣ.
Ба дарди ноумедӣ ҳам даво ёбӣ,
Табиби беназири ҷону тан ҳастӣ.
Зи ту шод аст руҳи поки Сомонӣ,
Ту навсозандаи мулки куҳан ҳастӣ.

**Муҳаммад ҒОИБ,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**



**Умрат чу хизр бодо, меъмори Тоҷикистон,**
**Пушту паноҳи миллат, девори Тоҷикистон.**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ХАЛҚРО АЗ ПАРОКАНДАГӢ ВА МИЛЛАТРО АЗ НОБУДШАВӢ НАҶОТ ДОД

Истиқлолу озодӣ яке аз муҳимтарин арзишҳои умумибашарӣ маҳсуб меёбанд, ки ҳам дар таркиби арзишҳои маънавӣ ва ҳам дар таркиби арзишҳои сиёсӣ ҷойгоҳи хосса доранд. Дар олами башарӣ аз фард шуруъ намуда, то умумиятҳои иҷтимоӣ дар шакли оила, қабила, қавм ва миллату давлатҳо ҳамеша тамоми неруву кӯшиши хешро ба он равон месозанд то ба озодиву истиқлол даст ёбанд. Дарку фаҳми озодиву истиқлол дар зинаи баланди маънавӣ ва худшиносии инсон ба амал меояд. Аз ин ҷост, ки инсонҳо мехоҳанд бо тавони хеш сарнавишти худро муайян созанд.

Агар ба маъниву моҳияти инсон ва зиндагии инсонӣ таваҷҷуҳ намоем, хоҳем дарёфт, ки ҳадафи асосии он расидан ба озодиву истиқлол аст, зеро ягона омиле, ки инсонро ба дигар анвои зинда мутамоз месозад, ин бо роҳи хирад дар баробари мушкилоти пешомада тадбир ҷустани он аст, ки метавонад озодӣ ва истиқлоли ӯро таъмин созад. Ҳамин аст, ки мафҳуми озодиву истиқлол бо мафҳуми хирад ва тадбирҷӯӣ сахт алоқаманданд.

Мусаллам аст, ки фардҳо дар олам на дар танҳоӣ, балки дар таркиби умумиятҳои иҷтимоӣ ба сар мебаранд. Яъне ба ибораи дигар, инсон дар баробари мавҷуди биологӣ будан, мавҷуди иҷтимоӣ низ ҳаст ва мушкилоти зистии хешро тавассути ҳамзистии иҷтимоӣ бароварда месозад. Воқеан, ҳамзистии иҷтимоӣ ва манофеи муштарак боис гардидаанд, ки фаҳмиши истиқлолу озодӣ дар умумиятҳои халқӣ ва миллӣ дар шакли давлат- миллатҳо ташаккул ёбад.

Истиқлоли сиёсӣ дар таърихи давлатдорӣ ва сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ва оғози марҳилаи сифатан наверо ба миён овард. Дар ин марҳила, назди тамоми мардуми кишвар масъулияти ниҳоят бузургеро пеш овард, ки ҷиҳати сохтмони давлати миллӣ ва аркони он тамоми неруи хешро сафарбар намуда, озодиву истиқлол ва давлати миллии хешро ҳифз намоянд.

Истиқлоли сиёсӣ саргаҳи як таҳаввули бузурге барои халқи тоҷик буд. Давлати навине бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи ҳастӣ намуд, ки танҳо дар зарфи як соли истиқлоли ин кишвар аз тарафи 48 давлати дунё ба расмият шинохта шуда, бо онҳо робитаҳои дипломатӣ барқарор карда шуданд. Ҷумҳурии Халқии Хитой, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Мексика, Дания, Туркия, Япония, Корея, Полша аз нахустин давлатҳое буданд, ки истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохта, сафорат ва намояндагиҳои дипломатии худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намуданд.

Қобили зикр аст, ки эълони истиқлоли давлатӣ заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои шомил шудан ба созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ фароҳам сохт. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин баъд ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналхалқӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваст, ширкати хешро дар ин созмонҳо ба хотири эҷоди шароити мусоид баҳри рушду таҳкими истиқлол, ҳифзи тамомияти арзӣ, тақвияти давлатдорӣ ва иштирок дар равандҳои умумиҷаҳонӣ ба роҳ андохт.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 –уми феврали соли 1992 ба САҲА, 2-юми марти соли 1992 ба СММ, апрели соли 1992 ба Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, 1-уми декабри соли 1992 ба Созмони Конфронси Исломӣ, 18-уми январи соли 1993 ба Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ, 6-уми апрели соли 1993 ба ЮНЕСКО ва ғайра шомил гардид.

Аммо раванди бунёдкорӣ, давлатсозӣ ва ҷаҳонишавии ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистон дере нагузашта дучори бӯҳрони шадиди сиёсӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гардид.

с. 2

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ХАЛҚРО АЗ ПАРОКАНДАГӢ ВА МИЛЛАТРО АЗ НОБУДШАВӢ НАҶОТ ДОД

(Аввалаш дар сах. 1)

Дар холе, ки кишварҳои тозабаистиқлолрасида дар пайи тақсими мероси аз Шуравӣ боқимонда шуғл меварзиданд, кувваҳои сияҳкор барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ бо пули бегонагон ҷанги шаҳрвандиро дар кишвар ба роҳ монданд ва сабаби ғорат шудани дороии кишвар ва маҳрум мондан аз ҳама он мероси Шуравӣ гардониданд. Дар ҳамин вазъ, ки акнун мардуми кишвар дар оворагиву дарбадарӣ ва нокомию ноумедӣ қарор дошт, миллатҳои дигар ки сокинони кишвар буданд, Тоҷикистонро тарк карданд ва муқимнишинони мамлакат дар тарсу тааддӣ қарор доштанд ва дар хонаҳои худ паноҳ бурданд. Кӯчаҳои шаҳр холӣ гардида дари корхонаю муассисаҳо ва мактабу маориф баста гардид. Мардум аз минтақаҳои даргир фарор карда, худро ба ҳар кую пуштае, ки нисбатан амн бошад, паноҳ мебурданд.

Авалин иқдом барои аз ҳолати вахими сиёсиву иҷтимоӣ баровардани кишвар, ин баргузории Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Амалан баргузории иҷлосияи Шурои Олӣ дар пойтахти кишвар-шаҳри Душанбе имкон надошт. Ҳамин замон буд, ки кувваҳои солимфикри ҷомеа иҷлосияи 16-уми Шурои Олиро дар шаҳри Хуҷанд баргузор намуданд ва ин иҷлосияи сарнавиштсоз вазъро минбаъд дар кишвар дигар сохт.

Маҳз ҳамин иҷлосияи тақдирсоз ва махсусан ба ҳайси Сарвари давлат интихоб шудани мухтарам Эмомалӣ Раҳмон як гардиши наве дар ҳаводиси солҳои аввали истиқлол буд. Эмомалӣ Раҳмон зимоми кудратро дар мамлакат вақте ба даст гирифт, ки кишвар дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ месӯхт. Дар чунин вазъияту ҳолати бисёр ҳассоси сарнавиштсоз Тоҷикистони валангору бесарнавиштро аз нав сохт, халқу ватанро аз парешониву нобудшавӣ наҷот дод. Ӯ ба халқи худ бовар кард ва халқ ҳам ба ӯ эътимод намуд. Ҳамин боварии қатъӣ ва иродаи устувори сиёсии ин абармард буд, ки мо ба ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатии воқеӣ расидем. Агар ваҳдати миллӣ ба миён намеомад ва ба даргирихо хотима гузошта намешуд, амалан дигар Тоҷикистон ба ҳайси як давлат вуҷуд дошта наметавонист ва табиӣ аст, ки пароканда шуда аз байн мерафт.

Пас аз расидан ба Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвар ба марҳилаи нави рушд ворид гардида, дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ бунёдкориҳо оғоз гардиданд. Сохтмонҳои азими аҳамияти стратегидошта ба нақша гирифта шуда, татбиқи амалии онҳо ба роҳ монда шуд. Ҳадафҳои стратегии давлат мушаххас ва дар заминаи онҳо корҳои ободкорӣ шуруъ гардиданд. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои кӯҳистонӣ ва дар замони пеш аз истиқлол роҳҳои иртиботи дохилии он барои ҳама фаслҳои сол таъмин набуда дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт, ҳадафҳои асосии давлат аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани ҷумҳурӣ буд. Дар ҷорчӯбаи ин ҳадаф бунёди нақбҳо, роҳҳои автомобиливу оҳан ба нақша гирифта шуда, зина ба зина амалӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла сохтмони нақбҳои "Истиқлол", "Шаҳристон", "Озодӣ", "Хатлон", бозсозии роҳи мошингарди Душанбе -Ҷаноқ тавонист иртиботи шимоли кишварро бо марказ ба таври ҳамешагӣ таъмин намояд ва ба яке аз роҳҳои таъминкунандаи иқтисоди Тоҷикистон табдил ёбад. Ба тарзи шабонарӯзӣ ва дар тамоми сол ҳазорон ҳазор техникаву автомобил дар ин масир дар ҳоли ҳаракатанд ва молу колоро ба ду самти кишвар таҳвил медиҳанд. Бозсозии роҳҳои Душанбе-Кӯлоб-Хоруғ-Мурғоб ва сарҳади Чин, Душанбе-Ғарм-Ош, Душанбе-Бохтар-Панҷи Поён тавонистанд иртиботи доимиро дар кишвар таъмин намоянд ва онро ба як кишвари аз назари иртиботӣ воҳид табдил диҳанд.



Ҳамчунин, сохтмони якчанд пул дар болои дарёи Панҷ тавонистанд иртиботро ба Ҷумҳурии Афғонистон таъмин намоянд ва тариқи роҳи Душанбе-Хоруғ-Мурғоб ба Ҷумҳурии Мардумии Чин иртиботи заминӣ барқарор гардад. Роҳи оҳани Душанбе-Кӯлоб ва Душанбе-Ёвон-Бохтар тавонистанд як ҳалқаи дохилии роҳи оҳанеро ба вуҷуд оваранд, ки иртиботи ҷанубу кишвар ва марказро ба таври ҳамешагӣ таъмин созад. Имрӯз бо сиёсати созанда ва бунёдкоронаву мардумии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз лиҳози иртиботӣ Тоҷикистон ба як кишвари воҳид табдил ёфтааст ва рафту омад ба тарзи ҳамешагӣ таъмин аст. Мушкилоти роҳу иртибот қариб пурра дар кишвар ба анҷом расидааст. Бозсозии роҳҳо идома дорад. Солиёни пешин мардумони кӯҳистони кишвар, махсусан водии Зарафшон ва минтақаи Бадахшон дар фасли зимистон бо марказ кишвар иртиботи доимӣ надоштанд. Ҳоло ин мушкил вуҷуд надорад. Мардуми кишвар ҳамагӣ шукргузор аз сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмонанд. Ҳамин аст, ки хидматҳои ин шахсияти наҷиб дар дилу дидаи мардум ҷойгох касб кардаанд ва ӯро хурду бузурги кишвар дӯст медоранд.

Пӯшида нест, ки дар ҷаҳони имрӯза муҳаррики асосии иқтисодро энергетика ташкил медиҳад ва ҳамаи фанноварихои имрӯзӣ тавассути энергия фаъол мегардад. Ҳамин аст, ки Пешвои миллат истиқлоли энергетикиро ҳадафи асосии стратегии давлат қарор дода, дар ин замина сохтмони иншоотҳои азими энергетикӣ тарроҳӣ шуда, кор дар онҳо оғоз гардид. Дар ин замина сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурду бузург шуруъ гардид. Бояд қайд кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳоест, ки зиёда аз 60 дар 100-и обҳои Осиёи Миёна аз пиряххои қаламрави он ҳосил мешаванд ва мавқеи ҷуғрофияш барои сохтмони НБО мусоид аст. Ҳаминро ба назар гирифта, НБО- и бузург аз қабили Сангтуда-1, Сангтуда-2 сохта шуда, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин идомаи корҳои созандагӣ дар неругоҳи барқи обии "Роғун" ба нақша гирифта шуда, корҳои созандагӣ ва идомаи ин сохтмон ба амал бароварда шуд.

Неругоҳи "Роғун" неругоҳест, ки аз лиҳози баландии сарбанд ва мавзеи зеризаминии ҷойгиршавӣ дар ҷаҳон назир надорад. Ҳангоме, ки кор дар ин пурҷаи муҳим оғоз гардид, баъзе нафарон ва кишварҳо ба он бо назари шубҳа менигаристанд ва барои сохтмони он монеаҳо эҷод намуда буданд. Вале Президенти маҳбуби кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ин объекти муҳимми иқтисодиро ба арсаи корзор табдил дода, онро арзиши иқтисодӣ ва маънавию сиёсӣ бахшид ва устуворона ҳеҷ гоҳ аз ҳадафи хеш барнагашт ва пайваста корро дар он идома дод. Натиҷаи ин устуворӣ ба ҳадаф буд, ки бо дарназардошти таҳқиқу пажуҳиши созмонҳои ҷаҳонӣ, ки дурустиву воқеияти илмии лоиҳаи ин пурҷаи муҳимро арзёбӣ намуда, онро бехатар унвон карданд, кор дар сарбанди Роғун оғоз гардид. Моҳи ноябри соли 2016 Пешвои миллат бо ҷасорати азим ва бовару руҳбашӣ ба миллат ва мардуми кишвар пушти фармони техникаи азим нишаста, пеши рӯди Вахшро баста, корро дар сарбанди ин иншоот оғоз бахшиданд. Натиҷаи аввали ин раванди созандагӣ он гардид, ки дар моҳи ноябри соли 2018 агрегати якуми неругоҳи барқи обии "Роғун" ба гардиш омад ва дар моҳи сентябри соли 2019 агрегати дуюми он ба кор даромад. Корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар ин объекти муҳим аз рӯи барномаи муайян идома доранд. Бо пурра баҳрабардорӣ шудани ҳамаи агрегатҳои НБО- и "Роғун" Тоҷикистон ба як кишвари содиркунандаи неруи барқ табдил хоҳад ёфт ва барои иқтисод ва соҳоти иҷтимоии кишвар як ҷаҳиши бузурге ба миён хоҳад овард.

Ҳамчунин дар даврони истиқлол неругоҳҳои зиёди обии хурд дар саросари кишвар сохта ба истифода дода шуданд ва ҷиҳати расидан ба истиқлолияти энергетикӣ нақш бозидаанд. Ҳамчунин ба истифода дода шудани маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 тавонист барои расидан ба ҳадафи стратегии истиқлолияти энергетикӣ мусоидат намояд.

Дар давоми солҳои истиқлолият таҷдиду бозсозии тамоми неругоҳҳои обии кишвар ба роҳ монда шуда, ҳоло низ идома дорад, ки ҳамаи ин боиси боло бурдани тавонмандии энергетикии кишвар гардид.

Ба ғайр аз ин, дар даврони истиқлолият хатҳои интиқоли барқи кишвар таҷдид карда шуда, низоми ягонаи энергетикӣ ба вуҷуд оварда шуд. Яъне ҳадафҳои асосии стратегии аз ҷониби Роҳбари давлат гузоштаашуда устуворона дар ҳоли амалӣ шудан қарор доранд. Минбаъд низ дар ин самт корҳои зиёде ба нақша гирифта шудаанд, ки бо амалӣ шудани онҳо дар иқтисоди кишвар як ҷаҳиши бузурге ба вуҷуд хоҳад омад.

Ба туфайли сиёсати созандаву муваффақи хориҷӣ имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи беш аз 170 давлати дунё расман эътироф гардида бо 130 кишвари олам робитаҳои дипломатӣ барқарор карда шудаанд.

Сиёсати озмудашудаи оқилонаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол, ки "Сиёсати дарҳои боз" аст, самараи нек ба бор оварда, мавқеи ҷумҳурии моро дар арсаи минтақавию байналмилалӣ боз ҳам баланд бардошт. Ҳамасола дар шаҳри Душанбе доир гардидани форум ва конференсияҳои сатҳи олии байналмилалӣ, ташрифи чандкаратаи роҳбарони олимақоми давлатҳои дунё, аз ҷумла Русия, Чин, Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Покистон, Туркия, Афғонистон, Австрия, Полша, Япония ва ғайра ҳайатҳои бонуфузи созмонҳои байналхалқӣ, муншиҳои умумии СММ Кофи Аннан, Пан Ги Мун, Антонио Гуттериш ва дигарон ба Тоҷикистон аз эътибори баланди байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавқеи рӯзафзоиндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари сиёсии он дар арсаи ҷаҳонӣ башорат медиҳад.

Ҳарчанд 32 соли истиқлол дар назди таърих замони тулонӣ нест, аммо созандагиву бунёдкориҳое, ки дар ин давра бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон анҷом ёфтанд, арзиши садсолаҳову ҳазорсолаҳоро доранд. Муҳимтар аз ҳама, пояҳои давлатдории миллӣ гузошта шуда, давлат ба ҳайси як ниҳоди муҳимми идораи иҷтимоӣ мустаҳкам гардид. Хушбахтона, имрӯз давлати ҷавони тоҷикон барои расидан ба оянда и боз ҳам хубтар босаодат қадамҳои устувор гузошта истодааст.

**Амонзода Илҳом Темур,**
**ректори ДТТ**

# НАҚШИ МОНДАГОРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ХУДШИНОСӢ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба яке аз масъалаҳои муҳимтарини давр – ташаккули худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд. Албатта, корномаи Сарвари давлат дар ин самт бисёр доманадору сутуданист, ки мо ба чанд ҷанбаи ин масъала мурур мекунем. Зеро вазъи имрӯзаи ҷаҳон ва минтақа нишон медиҳад, ки мо бояд на фақат аз таърихи на чандон дури худ, балки аз вокеиятҳои кунунӣ низ, сабақ бигирем ва ҳамеша дар ҳифзи ваҳдати миллӣ бошем.

Чуноне Пешвои муаззами миллат таъкид месозанд, моҳиятан падидаи таърихиву фарҳангии миллати мо аз ҷавҳари гуманистии тамаддуни ориёӣ, аз замони пайдоиши Авасто, давраҳои гузаштагони бузургонамон аз аҳди давлатдории Каёниён то Сомониён ва тамаддуни оламгири ҳазорсолаҳо сарчашма мегирад. Маҳз ҳамин тамаддуни пешрафта ва маърифати баланди ақлонии ниёгони мо буд, ки онҳо ба ганҷинаи тамаддуни башарият аз Зардушту Монӣ сар карда, то Рӯдакиву Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Синову Носири Хусрав, Шайх Аттору Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдиву Ҳофиз, Ҷомиву Сайидо ва садҳо нобиғаҳои илму адабу фарҳангро ато кардаанд.

Шинохтани қаҳрамонҳои миллати худ, нишони арҷгузорӣ ва қадршиносӣ ба хидматҳои шоиставу мондагори онҳо мебошад. Чунончи, бо унвони олӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор гардондани Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шохтемур амри ҳувиятсозест, ки дар тарбияи насли наврасу ҷавон ва баланд бардоштани ҳисси ватанпарастию дифоъ аз марзу буми аҷдодӣ нақши муассир дорад. Зимнан, дар марҳилаи аввали шаклгирии давлат – миллат, чунин як сиёсат, яъне қаҳрамонсозӣ ба хотири ваҳдату якпорчагӣ, ҳувияти миллӣ, эҳёи фарҳанг, худшиносӣ ва иттиҳоди миллӣ зарур буд.

Гузашта аз ин, Сарвари давлат ба номгузории кӯчаю хиёбон, шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд ва барои абадӣ гардондани номи фарзонафарзандони миллат, диловарони шуҷоъ, мудофиёни Ватан дар давру замонҳои гуногун ва ба хотири ҳифзу гиромидошти забони тоҷикӣ ҷиҳати фардои шукуфони Тоҷикистони азиз дар тағйири номгузориҳо иқдоми шоистаи таърихиро ба иҷро расонданд.

Ному насаб яке аз нуктаҳои асосии худшиносии миллӣ барои ҳар шаҳрванд ва миллату давлат мебошад. Қисми зиёди аҳолии ҷаҳон бо шунидани номашон миллату давлаташон муайян мегардад. Ин далели он аст, ки ному насаб дар баробари муаррифии шахс, инчунин, муаррифгари миллату давлат ҳисобида мешавад. Ҳукумати кишвар баъди соҳибистиқлолӣ ва таҳкими пояҳои давлати миллӣ дар ин самт низ, қадамҳои устувор гузошт ва номгузориро мутобиқ ба анъанаҳои миллӣ ба роҳ монд.

Забони тоҷикӣ, ки давраҳои сангини таърихро убур кард, маҳз дар даврони Истиқлоли давлатӣ бо пуштибонию роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтидору тавонмандии бештар касб кард. Аз ин лиҳоз, нақши Роҳбари давлат дар мавқеи устувор пайдо кардану шукуфо гардидани забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ хеле барҷаста мебошад. Ба ин китобҳои "Забони миллат – ҳастии миллат", "Чеҳраҳои мондагор", "Дин ва ҷомеа", "Аз ориён то Сомониён", суханрониҳои Пешвои муаззам бахшида ба Рӯзи забон ва ғайраҳо далел шуда метавонанд, ки саршор аз арзишҳои олии илмианд.

Арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ, расму оинҳои мардумӣ, инчунин, таҷлили солгарди бузургони илму адаб, сиёсат, маориф ва фарҳанги гузаштаву муосир, тарғибу ташвиқ, таҳқиқу таълими осору афкори онҳо ва ҳифзи мероси адабӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва илмӣ дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат, бешубҳа, аз сиёсати дурандешона ва фарҳангпарваронаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд. Бо мақсади густариши эҳсоси ватандӯстиву ифтихори миллӣ ва болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа бо ибтикори Пешвои миллат солгарди фарзандони фарзонаи миллат, аз қабили 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 1000-солагии Носири Хусрав, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 1310-солагии Имоми Аъзам Абуҳанифа, 600-солагии Нуриддин Абдурахмони Ҷомӣ, 700-солагии мутафаккири барҷастаи Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ таҷлил гардиданд. Ҳамзамон, санаҳои таърихиву фарҳангии 2500-солагии Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисори шодмон дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифта шуданд.

Арзишҳои бадастомадаи даврони истиқлол ва корномаҳои беназири Пешвои миллат дар роҳи худшиносии мардуми тоҷик зиёданд ва ҳар яки он ба таври алоҳида таҳқиқу баррасии ҷудогонаро тақозо мекунад.

**Ситора АБДУМУМИНЗОДА,**
**номзади илмҳои педагогӣ,**
**муовини ректори ДТТ оид ба тарбия**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ШАХСИЯТИ БАРҶАСТАИ ТАЪРИХӢ АСТ

*Президенти маҳбуби кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеан ҳам барои халқ ва миллати мо хизматҳои бузурги таърихӣ карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз фурӯпошӣ наҷот додааст. Таҳти роҳбарии бевоситаи ӯ пояҳои давлатдорӣ, заминаҳои низоми ҳуқуқӣ, нахустин Конститутсияи халқӣ қабул шуд ва роҳи давлатдории Тоҷикистон ба сӯи давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоию дунявӣ ва ягона шуруъ гардид. Эҳёи арзишҳои миллӣ оғоз гардида, кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта, амнияти озуқаворӣ, рушди соҳаи энергетика ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъмин гардид.*



Мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврае, ки ҷанги хонумонсӯзи дохилӣ боиси хисороти молию ҷонӣ гардида, ба ягонагии марзӣ ва бақои миллат хатари нобудӣ таҳдид мекард, дар иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷасурона роҳбарии давлатро ба уҳда гирифта, изҳор намуд, ки "Ман ба Тоҷикистон сулҳ меоварам ва то даме, ки охирин гурезаи иҷборӣ берун аз кишвар аст, ман худро орому осуда ҳис карда наметавонам". Воқеан ҳам Сарвари давлат ин гуфтаҳои худро бо ҷаҳду талошҳои пайвастааш содиқона исбот намуд ва зиёда аз 1 миллион шаҳрванд ба ватан баргаштанд.

Таърих гувоҳ аст, ки шахсият дар раҳой ёфтан аз бухронҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ саҳми арзанда гузошта метавонад. Аз байни сиёсатмадорони касбӣ ва бомаҳорат таърих пешвоёни миллатро офаридааст, ки онҳо дар самти инкишофи ҷомеа, ҳалли масъалаҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, муттаҳидсозии омма ва пешниҳоди ақидаҳои ҷолибу аҳамиятнок саҳми босазо гузошта, дар қалби мардум ҳамчун шахсият ва ҳимояткунандаи манфиатҳои давлату ҷомеа ҷой гирифтаанд.

Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумлаи ҳамин гуна ашхос буда, барои дар сатҳи ҷаҳонӣ устувор гардонидани мавқеи Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва эътирофи миллати тоҷик ҳамчун миллати тамаддунсоз саҳми босазо гузошта истодааст.

Аз ин ҷост, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ Президенти кишварамонро ҳамчун сиёсатмадори ташаббускор эътироф менамоянд. Қобили зикр аст, ки Президенти кишвар мухтарам, Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ нақши муҳим дошта, борҳо минбари Созмони Милали Муттаҳидро барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои марбут ба ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла таъмини аҳолии сайёра бо оби ошомиданӣ истифода бурдааст.

Ҳамчунин Президенти мамлакат зимни иштирок дар Конфронси 21-уми Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид, ки ба мушкили бузурги сайёра –тағйирёбии иқлим бахшида шудааст, суханронӣ карда, бо мақсади истифодаи босамари захираҳои об, ки дар раванди тағйири иқлим бештар осебпазир мебошад, даҳсолаи нави "Об барои рушди устувор"-ро, ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, эълон намуданд. Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки «дар ҳақиқат моро лозим аст, ки дид ва муносибати худро нисбат ба муҳимтарин манбаи ҳаёт, яъне захираҳои об тағйир дода, мудирияти онро низ ба шакли нави самаранок ва бо усулҳои навоварона ба роҳ монем».

Иқдоми навбатие, ки боиси ифтихори мост, ин аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидани ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо пешниҳоди сарвари давлати мо Қатъномаи «2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, қабул гардид.

Дар баробари ин, таҷрибаи сулҳофарӣ, ки дар низоми таълимоти сиёсии Президенти мамлакат ҷойгоҳи махсус дорад, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ беназир эътироф гашта, ҳамчун модели барҷастаи оштии тарафҳои даргир дар давлатҳои гирифтори ташаннуҷи сиёсӣ қабул гардид.

Боиси сарфарозист, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ки меъмори он мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, аз ҷониби созмонҳои мӯътабари ҷаҳонӣ ҳамчун падидаи нодир ва омӯзанда эътироф гардид ва обрӯву эътибори давлату миллати моро дар арсаи байналмилалӣ чун миллати мутамаддину фарҳангӣ боз ҳам афзун гардонид.

Марҳилаи дигаре, ки ба рушди фаъолияти сиёсати хориҷӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намуд, ин аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намудани сиёсати дарҳои кушода мебошад, ки ба ҳамгироии кишварамон бо созмонҳои байналмилалии бонуфуз, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тақвият бахшид.

Тоҷикистон ҳамчунин ба узвияти яке аз созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ Созмони ҷаҳонии савдо пазируфта шуд ва ин ба кишвари мо ҷиҳати истифодаи самараноки имкониятҳои васеъ шароит фароҳам овард.

Дар бораи шахсияти бузург ва сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардидани Сарвари давлатамон, суханҳои дар ҳаққи ӯ гуфтаи аксари роҳбарони давлатҳои абарқудрати ҷаҳон ва сазовор гардиданашон бо ҷоизаю мукофотҳои созмону ташкилотҳои байналмилалӣ ва унвонҳои ифтихорӣ, ки шумораи онҳо хеле зиёданд, гувоҳӣ медиҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ сиёсати минбаъдаи иқтисодӣ пеш аз ҳама бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, сохтмон ва азнавсозии роҳҳо, таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноатикунонии кишвар, ки аз афзалиятҳои муайяннамудаи Президенти кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон махсуб меёбад, равона мегардад.

Бо ифтихор ва қаноатмандӣ метавон гуфт, ки ҳамаи ин пешравию дастовардҳо дар рушди соҳаҳои иқтисод ва беҳдошти сатҳи зиндагонии мардуми ҷумҳурӣ бо шарофати сиёсати оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишварамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омаданд, ки мо ҳамагон аз он ифтихор мекунем.

**Маҳина ШАРАФОВА,**
**мудири кабинети кафедраи**
**иқтисодиёт ва идораи факултети**
**иқтисодиёт ва молия**

# ДАР ШИНОХТИ РАВШАНГАРОНИ

## Дар ҳошияи мақолаи С. Ятимов

Рисолаи илмӣ-оммавии Саймумин Ятимов - «Эҳёи миллат-бақои давлат» як таҳқиқи хеле муҳимми давлатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ аст, ки дар қолаби илмӣ-оммавӣ навишта шудааст. Қолаби илмӣ-оммавӣ будан ба он маъно, ки дар он иқтибосҳои илмӣ нисбатан камтар (нисбат ба дигар асарҳои муаллиф) ва забон хусусияти илмӣ не, балки шеваи гуфтугӯи адабии тоҷикиро дорад. Пас ин асар танҳо барои доираи илмӣ не, балки ба аҳли ҷомеа навишта шудааст ва ба фаҳми миллионҳо тоҷикони Тоҷикистон ва ҳамзабонҳои дигарамон, ки хати моро хонда метавонанд, наздик ва фаҳмо мебошад. Ин асар, махсусан, ба дарки мубаллиғони сиёсӣ, кормандони масъули соҳаи идеологӣ, муаллимони ихтисосҳои гуманитарӣ ва донишҷӯёни ҳамаи мактабҳои олӣ мувофиқ мебошад. Маврид аст, таъкид намоям, ки муаллиф ба мақсади хеш ноил гаштааст. Муаллиф бо таъкиди он ки «зуҳури инсон дар табиат падидаи фавқулода ва истисноист» ба ин ҳодиса аз нуқтаи назари материализми илмӣ наздик шуда, андешаеро зикр менамояд, ки «он натиҷаи мураккабтарин ҷараёнҳои диалектикиест, ки ҳамчун маҳсули ҳазорсолаҳо дар шакли имрӯза муаррифӣ мегарданд». Ин навъ муносибат дар мавриди таърихи инсоният ниҳоят муҳим аст, зеро дар замони гузар аз идеологияи коммунистӣ ба идеологияи нав олимоне ва ҳатто гурӯҳҳое ба миён омада истодаанд, ки ба рӯи ҳамаи чизи замони гузашта хати бутлон мекашанд, аз ҷумла, ба масъала ва андешаҳои пешқадам низ. Аз ин неруҳои худхоҳ дар шароити Тоҷикистон - тундравони исломӣ сӯйиистифода менамоянд. Дар шаҳри Душанбе ба миён омадани муҳити ниманисломӣ шояд аз намунаҳо ва нишонаҳои ҳамин андеша бошанд. Соли 2007 ман барои корҳои илмии худ дар Душанбе ва водии Фарғона таҳқиқ гузаронида будам ва он вақт мушоҳида намудам, ки 10-15 фоизи ҷавонони Душанбе масҷидраванд. Ҳоло мебинем, мушоҳида мекунем, ки бештар аз нисфи ҷавонон, аз ҷумла, ҳатто муҳассилин намозхону масҷидрав ва духтарону ҷавонзанон ҳам либоси бегонаро чун либоси миллӣ маънидод мекардагӣ шудаанд. Таъкиде, ки Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар «Тоҷикистон дар остонаи асри XXI» кардаанд, яъне мо таърихи гузаштаи худро эҳтиром мекунем, вале ба зиндагии асримиёнагӣ барнамегардем, мутаассифона, ҳатто ба гӯши иддае аз зиёиёни хидмати давлатӣ надаромадааст.

Фикри дигари олими амиқбин С. Ятимов «Таърихи инсоният, дар маҷмуъ, таърихи сулҳ нест. Таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон мебошад» андешаест, ки натиҷагириаш аз таҳқиқи олимони Шарқу Ғарб аз замони пайдоиши давлат то ба имрӯз бармеояд. Ин ҳақиқати таърихиро мо бояд асло фаромӯш накунем. Зеро асарҳои Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», С. Айнӣ «Маънои калимаи тоҷик», Э. Раҳмон «Аз Ориён то Сомониён»-ро варақ занем, хоҳем дид, ки империяи бузурги халқи тоҷик аз замони Зардушт то ба имрӯз ба чӣ зарбаҳое мувоҷеҳ шуд ва аз он мулки паҳно ба мо имрӯз чӣ монд. Ҳатто дар ҷанги шаҳрвандие, ки дар фароварди замони Шӯравӣ ба сари мо оварданд, на танҳо талоши сиёсиву мансабталабӣ буд, балки ниятҳои пора кардану ҳисса гирифтан аз Тоҷикистони лахтшударо дошт. Барои ин дирафшҳои майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ»-ро дар солҳои 1990, 1991, 1992-юм, таронаҳо ва шиорандозиҳои аҳли ин майдонҳоро ёд оред, барои ин бухрони аввали соли 1996, махсусан, моҳи февралро ба хотир оваред. Гарчи таърих сабақ намедиҳад, аммо фаромӯш кардани он, касро боз ҳам гумроҳтар месозад. Зеро тавре ки С. Ятимов менависад: «мардуми олам бо ҳам танҳо бо забони манфиатҳо» сухан гуфта метавонанду халос. Ва «маҳз аз рӯйи ҳамин «забон», одамон ба гурӯҳҳо, ҳизбҳо, синфҳо, ҳукуматҳо, давлатҳо, ахиран созмонҳо, блокҳо ва гурӯҳи давлатҳо ҷудо мешаванд». Дар ҳақиқат, дар аксари кишварҳои пасошӯравӣ ва собиқ сотсиалистӣ чунин гурӯҳҳо... созмон ёфта, ба муқобили ҳукуматҳои худ ва қавмҳо, ба муқобили ҳамдигар ба афту дарафт даромаданд...

Профессор С. Ятимов дар танзими ин мавзуъ, мисли баъзеҳо ба ҷомеа не, балки илман ба давлат такя мекунад ва менависад: «Вазифаи асосии давлат таъмин намудани зиндагии осоиштаи ҷомеа дар асоси дифферентсиатсия, тақсимоти салоҳият, таъйини меъёрҳои ҳуқуқ ва вазифаҳо мебошад». Ҳамзамон меафзояд: «Истилоҳоти давлат ва истиқлол ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ тавъам ва аз ҳам ҷудонопазир мебошанд.» Ин дар фаҳмиши ман низ ҳақиқат аст. Агар давлат набошад, кӣ ё чӣ истиқлолият мегирад? Давлат набошад, чӣ гуна миллат мешавад? Ба ин маъно унвони китоб ҳам «Эҳё» мантиқӣ мешавад: тоҷикон замоне давлат доштанд, онро аҷнабиҳо ишғол карданд ва ин давлат эҳё гардид. Муаллиф комилан ҳақ аст, зеро вазифаи давлат, аз ҷумла, дар он аст, ки ҳамаи унсурҳои худро дар робита бо ҳам ва яклухт нигоҳ дорад ва агар яке аз онҳо коста шавад, «оқибат худи он чун организми мураккаби ҷомеа рӯ ба шикаст меорад.» Инро Саъдии бузургвор чунин маънидод кардааст:

**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**<br>
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

Муаллифи китоб ҷаҳонбинии мардумро «ҷабҳаи мураккаб, нозук ва осебпазири давлатдорӣ» дониста, меафзояд, ки «ҷаҳонбинии сиёсӣ воситаи дарки ҳақиқати ҳаётии давлатдорӣ, ташаккули муносибати шаҳрванд ба сохти сиёсӣ тавассути арзишҳои бунёдии он, муҳимтарин воситаи ба танзим даровардани муҳтавои алоқамандии давлат ва ҷомеа дар доираи ҳуқуқ ва вазифаҳои якдигар мебошад». Агар мо ин таъкидро аз қолаби назарияи илмӣ берун оварда, дар мисоли зиндагии имрӯза мушоҳида кардан хоҳем, мебинем, ки барои таъмини ин мақсад иҷрои вазифаҳои зиёде меистад. Дар ин росто, координатсияи фаъолияти мақомҳои марбута зарур меояд.

Ҷои дигар муаллифи рисола менависад, ки «Сохти идораи давлати миллӣ, ки маҳз ба хотири он кишвар номниҳод гаштааст, натиҷаи изҳори озоди иродаи халқ эътироф шудааст». Бале, ин басо кори душворе буд, аммо дарки таърихии ин ҳақиқат барои халқи мо печидагиҳои зиёде дорад. Гарчи давлатдории халқи тоҷик таърихи дурударозе-ҳазорсолаҳоро дорад, яъне аз замони Каёниён оғоз меёбад, чун дар номаш на калимаи «тоҷик», бал - суғд, бохтар, ҳайтол, тоҳирӣ, саффорӣ, ғӯрӣ, сомонӣ, номгузорӣ ба номи подшоҳони муғулу турк ва Бухоро, Самарқанд, Туркистон буд, бинобар ин, мухолифин он таърихро ҳамчун таърихи халқи мо эътироф кардан намехостанд, зеро иттиҳом ва муқовиматҳо доштанд. Аммо дар асри XX дар сарнавишти халқи тоҷик се воқеаи бузурге ба амал омад: бо ибтикор ва дастгирии олимони рус, аз ҷумла, академик Бартолд, профессорҳо Семёнов ва Андреев соли 1924 аввал республикаи автономӣ, соли 1929 Республикаи советӣ - сотсиалистии Тоҷикистон ташкил ёфт, ки роҳбаронаш аз тоҷикон - Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) Ш. Шоҳтемур, А. Муҳиддинов, А. Ҳоҷибоев буданд. Сипас, дар охири солҳои чилум, пас аз нашри асари академик Б. Ғафуров, мулоқоти олим ва роҳбари давлати Тоҷикистон бо Сталин ва сонӣ мулоқоти вай дар Академияи илмҳои ИҶШС бо олимон дар ҳузури котиби КМ ҲК А.А. Жданов, илми Шӯравӣ он ҳақиқати илмиро пурра эътироф намуд, ки аҳолии аслӣ, яъне аборигенҳои Осиёи Миёна халқи эронинажод, яъне тоҷикон мебошанд. Ва ниҳоят, моҳи сентябри соли 1991 Истиқлоли давлатии Тоҷикистон эълон шуд. Марҳалаи дувуми он аз моҳи ноябри соли 1992 шурӯъ мешавад, ки ба он Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарварӣ мекунанд. Ҳамин тавр, давлатдории миллӣ бо номи халқи тоҷик аз соли 1924 оғоз меёбад.

Як масъалаи ҳуқуқиро дар заминаи ин асари хуби илмӣ гуфтан мехоҳам. Гумон мекунам, дар замони мо дар фаҳмиши истилоҳи «миллат» дигаргуние ба амал омад. Агар «халқи тоҷик» ба ҳамаи онҳое, ки забонашон тоҷикист ва дар кишварҳои гуногун зиндагӣ мекунанд, истифода шавад ва забонашон аз зумраи меъёрҳои муайянкунандаи халқ бошад, пас мафҳуми «миллати тоҷик» фақат ҳамзабонҳоро не, танҳо ҳамватанонро сарфи назар аз забони модариашон дар бар мегирад. Мисоли ин истилоҳҳои «Маҷлиси миллӣ», «Донишгоҳи миллӣ», «Бонки миллӣ», «Суруди миллӣ» аст. Инҳо танҳо аз халқи тоҷик не, аз тамоми тоҷикистониҳо мебошанд. «Таҷрибаи байналхалқӣ ҳам ҳамин хулосаро исбот мекунад», - навиштааст С. Ятимов.

Бинобар ин, олим зикр мекунад, ки «Ҷаҳонбинии миллӣ дар давлати миллӣ ягона мафҳуми заминӣ, воқеӣ, материалӣ ва арзишманд аст. Муҳтавои онро миллат, давлатдории миллӣ ва сиёсати амалӣ дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ муайян мекунанд». Аз ин навиштаҳо ба натиҷае омадан мумкин аст, ки тарбия ва устувор намудани ҷаҳонбинии миллӣ аз муҳимтарин зарурати давлат аст. Ҳоло таваҷҷуҳ намоед, ба он набардҳои хунине, ки ба амал меоянд, яке аз масъалаҳои аслӣ ба хоҳиши худ мувофиқ гардонидани фаҳмиш ва ҷаҳонбинии ҷаҳониён дар мавриди ҳаќу ноҳақ дар ин талошҳои хунин аст. Дар ин гуна талошҳо ба гумони ман оне пирӯз мешавад, ки ба факту воқеаҳои дуруст такя намуда, ҷаҳонбиниро сайқал диҳад. Дар зиндагии ҳар миллат ин корро аз рӯзи аввал ва мусалсал татбиқ кардан зарур аст. Зеро ин амал рахнапазир нест. Бинобар ин, ҳатто дар наврасӣ ба андешаи бузургони фарҳанги мо, тарбия муҳим шуморида мешавад: Сино ба волидайни тифли нимсола гуфтааст, ки шумо дар тарбияи кӯдак ним сол дер кардед. Низомӣ ба фарзанди наврасаш хитоб кардааст, ки «Дониш талабу бузургӣ омӯз». Заминаи ҷаҳонбинии миллӣ дар ҳамин аст. Бояд дар назар дошт, ки ин тарбия дар ҳама ҷо сурат мегирад, яъне дар хона, боғча, кӯча (муҳит), мактаб, ҷойи кор ва тамоми умр ва муҳим, донистани он аст, ки дар ин раванд кӣ ва чӣ гуна таъсир расонида метавонад. Ба ифодаи олим Ятимов, «кадом гурӯҳ чӣ гуна арзишҳоро ҳимоя мекунад ва ин арзишҳо манфиати кадом табақа, гурӯҳҳои иҷтимоиро дар назар доранд ва ташвиқу тарғиб менамоянд». Вазифаи давлат ба манфиати худ ва ҷомеа онро бояд танзим ва муҳофизати ҳуқуқиашро таъмин кунад. Он гумон ботил аст, ки ин чиз идеология ё тарғиботи холиси замони коммунистӣ бошад. Масалан, ба гуфти Бзежинский, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико барои татбиқи сиёсати хориҷии худ ҳамчун жандарми байналхалқӣ амал мекунад, мамлакатҳое, ки пояи давлатдориашон ба арзишҳои динӣ устувор аст, андешаи дунё ва охиратро асоси фаъолият кардаанд, давлатҳое чун Олмон, Фаронса, Белгия ҳамҷинсгароиро пазируфта ва таблиғ мекунанд. Тоҷикистон худро давлати дунявӣ эълон намуда, ҳамин мақсадро чун ояндаи кишвар шинохтааст.

Дар шарҳи мафҳуми худшиносии миллӣ муаллифи рисола дуруст менависад, ки «худшиносии миллӣ эҳсоси садоқат ба ватани аҷдодӣ ва ҳимоят аз он, тамаддун ва фарҳанги миллӣ, анъана, урфу одат ва расму русуми миллиро ифода мекунад». Аслан, ин шарҳи пурра эҳтиёҷ ба изофатро надорад. Аммо чанд чизро аз хонандагони арҷманд пурсиданиям: оё он маъное, ки иддае аз ҳамдиёрони босаводи мо ҳамчун фарҳанг ва анъанаи миллӣ ифода карданиянд, воқеан ҳам, хоси халқи тоҷик бошад ё моли ба сари мо боркардаи мусулмонони хориҷӣ? Оё тақлид ба либоси ҳамдинҳои дигар дар чорчӯби фаҳмиши ибни Ҳанифа бошад ё бадгӯёни вай? Беҳтар он нест, ки мо дар робитаи иҷтимоиамон «Шумо»-ро ба сифати изҳори эҳтиром ба ҳамсуҳбат нигоҳ дорем ё не? Оё дар ин сурат манфиатҳои миллию иҷтимоии кишвари мо беҳтар ифода намеёбад? Охир ба гувоҳии таърих, аз воқеаҳои «одӣ то мураккаб – кӯшишҳои афрод, гурӯҳҳо, ҳаракатҳо, ҳизбҳо, синфҳо, давлатҳо қатъиян дар доираи манфиат амалӣ карда мешаванд.»

Бароям фаҳмиши ақидаи илмии муаллифи ин мақола фаҳмо ва наздик аст: «доираи фаҳми категорияи манфиат ҳар қадар дур рафтан, фосила гирифтан аз арзишҳои иқтисодӣ, моддӣ, молӣ, материалӣ, заминӣ, ҳамон қадар маънои наздик шудан ба камхирадӣ, таассуб, раҳгумзадагӣ, дурӯғ ва фиребро дорад». Барои фаҳми ин маънӣ, олим маънои мисраъҳои Ҷомиро ба ин маъно иқтибос кардааст: «Аммо «ба нохун роҳ дар хоро буридан, фурӯ рафтан ба оташдон нагунсор басе осонтар» аз бозсозӣ ва дигаргун сохтани шуури онҳоест, ки гирифтори ҳамин тарзи ҷаҳонбинии устуравӣ (мифологӣ) ва бедалел ҳастанд.» Ин андеша дар муқобили таблиғгарии онҳоест, ки доништаву надониста кадом як арзиши бегонаро чун арзишҳои миллӣ ва анъанавӣ муаррифӣ кардан мехоҳанд. Албатта, рӯ овардан ба арзишҳои башарӣ, истифода ва худӣ кардани беҳтарини онҳо муҳим аст. Аммо ду чизро ҳамеша ба ёд овардан зарур аст: аввал анъанаи миллии (тоҷикона) худ, сипас замонавӣ кардани он. Он гоҳ шинохтани «ононе, ки мехостанд ва мехоҳанд мардуми мусулмонро як умр ғулом, дастнигар, мутеъ, ҷоҳил, вобаста ва олоти муборизаи худӣ дар муқобили худиҳо, завқманди рехтани хуни якдигар бинанд». Ин сухани ҳақ аст, аммо тамоми фикр нест: дар миёна боз ҳамдигаркушии мусулмонҳо низ вуҷуд дорад. Дар ин маврид робитаи ҳамдигарии мамлакатҳои арабро ба ёд оред, ба Афғонистону Покистон нигаред, дирӯзи худамонро фаромӯш накунед. Ҳамин аст, ки ба ақидаи дурусти С. Ятимов ҳамроҳ мешавам: «дастоварди ниҳоят хатарноки душманони мо иборат аз он аст, ки таассуб, хурофот, фанатизми динӣ – мазҳабӣ, эҳсоси Тоҷик будан, Тоҷикият, эҳтиром, муҳаббат ва садоқатро ба мафҳуми Миллат, Ватан ва Ватандорӣ нобуд месозад». Рости гап, ин ҳолат дар Тоҷикистон дар охири солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми асри XX ба амал омад ва мутаассифона, дар ин сӣ сол ҳанӯз натавонистем

# ЭҲЁИ МИЛЛӢ

## «Эҳёи миллат - бақои давлат»

аз он покиза шавем. Шояд барои ҳамин ҳам ба гуфти муаллифи асар, иддае аз ҳамдинон ва ҳатто ҳамватанони мо зери таъсири ҷангҷӯён мондаанд. Бинобар ин, «ҳамчун лашкари бепул дасти ифротгароён, террористонро аз ҳисоби фарзандони ҳамин миллат, дар муқобили ҳарими муқаддаси бунёди давлатсозӣ, давлатдории миллӣ, марзу бум ва суботи он боз мекунад». Ин навъ намунаҳо дар мисолҳои таърихӣ ва давраи муосири воқеии Тоҷикистон ва кишвари ҳамсояи он кам нестанд. Бо назардошти ин асл, муаллифи китоб дар назди идораҳои дахлдор масъалагузорӣ карда, иқрор менамояд, ки «дарки манфиат, аз ҷумла, манофеи миллӣ муҳимтарин вазифаи маорифи саросарии кишвар, воситаи моил намудани омма ба арзишҳои тамаддунӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ба ин восита пешгирӣ кардани бархӯрди омма бо хатари эҳтимолии фоҷиаи умумимиллӣ мебошад». Ҳамчунон «фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ, саҷда овардан ба хурофот ва фарҳанги бегона ҳамчун натиҷаи раванди босуръати рӯз то рӯз ифротишавии ҷомеа, ҷилвагар шуда-ҳама зиёдаравӣ кунанд, пас, аҳволи давлат ва кишвар чӣ мешуда бошад? Аз таъкиди муаллифи китоб ин маъноҳо пеш меоянд.

С. Ятимов дар ин асари худ ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии эҳёи миллӣ муроҷиат намуда, суханро аз он оғоз менамояд, ки: «Аврупо бо ин бузургӣ даврони Эҳёи худро ҳафтсад сол (!) қабл, дар нимаи дуюми асри XIV оғоз кард». Ман дар ин гуфта як чизро афзуданиям: то он замон онҳо мардуми Осиёи исломиро пешрафтатар медонистанд. Охирин намояндаи илми Аврупо, ки аз фарҳанги Самарқанду Бухоро бо ҳавас сухан рондааст, Марко Поло будааст. Ва олим дуруст суханашро идома медиҳад, ки «Эҳёи миллии Аврупоро сабаб он буд, ки аз замони салтанати Масеҳият – дини насронӣ, наздик ба якуним ҳазор сол мегузашт. Талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум хостори таҳаввулот ва пешравӣ буданд... Аврупо ҳолати рукуд, тангу тори хурофотии асримиёнагиро барои инсонҳо як навъ зиндони яхбастаи иртиҷоии бадбахтиҳои мардумӣ, замони тантанаи ҷаҳолат, нодонӣ ва навъи ваҳшонияти номида,
ни номи намояндагони миллат дар ҳар кунҷу канори дунё дар алоқамандӣ бо кирдорҳои террористӣ ва экстремистӣ обрӯ ва манзалати миллатро дар назди оламиён шадидан коста мегардонад». Дар ин суханҳо сӯзи дили як фарҳангии миллати тоҷик ва эҳтирому эътиқоди вай ба ватани бобоӣ ифода меёбад. Ҳамзамон, ба ин вай масъалагузорӣ дар назди мақомоти марбут аст, ки дар татбиқи гуфтаҳои консептуалии Президенти Тоҷикистон аз рӯи виҷдон, тибқи масъулияти вазифавӣ боз ҳам беҳтар амал кунанд.

Тақрибан 30 сол пеш бо номи «Рисолаи давлат» асаре чоп карда будам ва дар он ба вазифаҳои давлат зимни асарҳои хондаам ишора карда, аз ҷумла, ба мақолаи устод Садриддин Айнӣ «Сайф ва қалам» такя намудам. Дар «Рисолаи давлат» тибқи вазифа ва ҳадафи таҳқиқам ба масъалаи «қалам» зиёдтар таваҷҷуҳ намудам. С. Ятимов тибқи мавзуи интихобнамудааш ба проблемаи «сайф» (хонда шавад-қудрат) бештар диққат додааст ва ин табиист. Зеро вай дар соҳаи қудратии давлат кор мекунад ва онро дар амалия медонад ва ӯ, ки донандаи «Қобуснома» аст, ба ин масъала аз назари илмии тоҷик ва бо шинохти илми аврупоӣ бо назарияи чунин равия наздик омадааст. Воқеан, такяи вай ба андешаи Гегел «таҷриба ва таърих меомӯзад, ки халқҳо ва ҳукуматҳо ягон вақт, ягон чизро аз таърих наомӯхтаанд ва тибқи намунаҳое, ки бояд аз он сабақ мегирифтанд, амал накардаанд», ҷуръати азими илмӣ аст ва натиҷагириаш дар ин бора илмӣ ва воқеитар мебошад. «Дар ҳама давру замон масъулияти таъмини системаи амният ва суботи ҷомеа бар дӯши давлат аст». Ман ин маъноро чунин ифода карда будам: «Давлат дар забони мо ду мафҳумро ифода мекунад: қудрат ва дороӣ. Агар бинанд, ки бедодӣ шуд, паст ё баланд фарёд мезананд - давлат ҳаст ё не, вай ба куҷо менигарад?! Агар бинанд шахсеро, ки танҳо некӣ мекунаду роҳатрасонӣ, аз Худо таманно мекунанду мегӯянд: давлаташ кам нашавад». Яъне ман ҳам дар он мавқеъ ҳастам, ки муаллифи китоб аст. Агар мақомҳои қудратии кишвар ба таври бояду шояд дар чорчӯби салоҳияти худ амал накунанд, ҳоли давлат чӣ мешавад? Агар онҳо татбиқи меъёрҳои конститутсиониро набинанд, амалӣ шудани масъалаҳои муҳимми пешниҳодкардаи Роҳбари давлатро ба назорат нагиранд, ё дар татбиқи ин асрҳоро сифр, танаффуси хафақоновар дар тӯли ҳаёти бебозгашти инсонҳо, инкори зиндагӣ ва ситамгарӣ ном бурданд». Олим дуруст мегӯяд, ки раҳоӣ аз побастагии давлат аз дин боиси эҳёи зиндагӣ ва эҳёи қудрати инсонӣ гардид. Дар побастагӣ ба хурофоти динӣ - ҳамаи динҳо ба пешрафти илму фарҳанг имкон надорад, сарнавишти олимони табиатшиноси дунё, аз ҷумла, ибни Синоро ба ёд оред, моҳияти он гуфта маълум мешавад. Даҳ ҳазор бор «не» гӯем ҳам, ҳақиқат дар он аст, «Наврӯз»-ро то асри Х1Х ид намекарданд. Ҳа, деҳқон медонист, шоир месуруд, ин гапи дигар буд. Агар гуфтани «Наврӯз» ҷоиз мебуд, шояд Рӯдакӣ шеърашро «Баҳория» наменомид, шояд дар Балху Бухоро ҷилди 2-и «Гули сурх» пайдо намешуд.

Ман ин чизҳоро барои он менависам, гӯям, ки дар Эрони бузурги таърихӣ - аз Ироқ то Ҳинду Чин иди миллии «Наврӯз», ки решаи зардуштӣ доштааст, дар замони нав ба истилоҳ иди давлатӣ набуда, аммо иди халқӣ ба ҳисоб мерафтааст.

Он андешаи илмии донишманд ба ман ҳам маъқул аст, ки: «Чун олимони Даврони Эҳё аз мардуми ҳушманди замони худ буданд ва масъулияти ба дӯши онҳо гузоштташударо хуб эҳсос мекарданд, инқилоби хешро аз ҷодаи илм, маориф, адабиёту санъат, аз «тарҳи нав дарандохтан» дар ҷаҳонбинии мардум оғоз карданд». Ин ҳақиқати маҳз аст. Аслан, кӯҳнаву нав ҳам дар ақида ва ҳам дар амал аз иртиботи олимону адибоне ба ҷаҳонбинӣ вобастагии қавӣ дорад.

Таъкиди зерини муаллифи китоб маро ба кушодани розе, ки шояд дар дили бисёре аз зиёиёни имрӯзаи тоҷик бошад, во медорад: «бо гузашти солҳо, олимони машҳури асрҳои XVIII-XIX-и Аврупо хизматҳои ҳаётбахш ва таърихии зиёиён, баёнгарони азамати руҳ ва халлоқияти тавонои Даврони Эҳёро бо ба хотири эҳёгарони аввалу сипоси зиёд ёдовар шуда, гаштаву баргашта таъкид намуданд: «Дар назди Ғарби ба шигифтафтода, ҷаҳони нав кушода шуд – Юнони Қадим. Дар пеши образҳои шуълапоши он арвоҳҳои асримиёнагӣ аз байн рафтанд. Гӯё ки аз нав сайёраи Замин кашф шуда бошад.» Мо чӣ, насли нави халқи қадимаи Осиёи Миёна, барои сипоси хотираи поки эҳёгарони аввал аз Аҳмади Донишу Саидризо Ализода, то эҳёгарони охир, ки аз дигаргунии сиёсии аввали солҳои навадуми асри гузашта шинохта шуда буданд, ҳар кори аз дастамон меомадаро кардем ё олимону адибон, журналистону санъаткорон ва мансабдорон (хонда шавад, зиёиёни имрӯза) ба кадом як талошҳои фардиву гурӯҳӣ бандем? Номҳои шаш нафар шахсияти машҳури асри ХХ-ро шукр Фармони Президенту қарори Маҷлиси Олӣ абадӣ кардааст. Аммо имрӯз чанд бор номи неки Лоҳутиву Икромӣ, Раҳим Ҷалилу Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзодаву Саидалӣ Вализода, Ҳикмат Ризову Акашариф Ҷӯраев, Муҳаммад Осимиву Аловиддин Баҳоваддинов, Муҳаммадҷон Қосимову София Тӯйбоева, Малика Собироваю Барно Исҳоқова, Тоҳир Собирову Марат Орифовро мешунавем? Чанд фоизи насли ҷавон номи онҳоро чун ифтихори миллат мешинохта бошад? Гузаштаи миллатамонро мо нашиносем, касу мамлакати дигаре намешиносад. Агар адабиёт ва илму санъати мо воқеан намояндагони бузург дошта бошанд, он бузургон шинохта мешаванд ва номашон аз забон намеафтад. Тавре ки гуфтаанд: бузургонро бузургон зинда медоранд.

Муаллифи рисолаи «Эҳёи миллат-бақои давлат» дар бораи замони эҳёи Аврупо - раҳоии давлат аз таъсири дин сухан ронда, чанд мавзуи муҳимро таъкид менамояд: «яке аз масъалаҳои марказии Даврони Эҳё азнавсозӣ ва ба манфиатҳои миллӣ мувофиқ гардонидани таъйинот, назария ва амалияи дин буд. Ташаббускорони ҳаракат муътақид буданд, ки бидуни мутобиққунонии таълимот, ташвиқот ва таҷрибаи кори ходимони дин, фаъолияти калисоҳо ба мақсадҳои истиқлоли миллӣ эҳёи миллӣ ва рушду тараққии он ҳамчун зуҳуроти ормонӣ ва шиори хушку холӣ боқӣ хоҳад монд». Дар татбиқи ин мақсад, аз ҷумла, ҳарҷӣ тезтар ба забонҳои муосир, аз ҷумла, олмонӣ тарҷума кардани онро зарур донистаанд. Хулосабардорӣ карданд, ки муддати садсолаҳо муллоҳои манфиатҷӯ ба Инҷил ва дигар адабиёти тафсирии он нуктаҳоеро худсарона илова кардаанд, ки танҳо ба манфиат ва манзалати шахсии табақаи руҳонӣ хидмат мекунанд. Муҳаққиқ эътимодона зикр мекунад, ки: «Фаъолияти калисоро ба шароити талаботи Даврони Эҳё мувофиқ гардониданд. Аз манфиатҳои миллии худ қотеона ҳимоя намуданд. Нуктае, ки таваҷҷуҳи ходимони динии баномуси асримиёнагиро ба худ ҷалб кард, эҳёи ғурури миллии онҳо дар муқобили бегонагон, урфу одати ба таърихи миллати эшон носозгор ва принсипи иҷбории саҷда овардан ба забон ва расму русуми миллии аҷнабиён буд». Ин натиҷагирии муҳаққиқ аз илму амалияи ҷаҳони дуруст будани муносибати сиёсии давлатамонро дар ин роҳ нишон медиҳад. Аммо сахт гарм шудани бозори ҳаҷҷу зиёрат ва таърифу тавсифи он кадом як номувофиқиро дар ин амаламон бозгӯ менамояд. Ман бисёр мешунавам дар дохили мошинҳои ҷамъиятӣ онро, ки фалонӣ ин дафъа барои аз Худованд талабидани авфи гуноҳи бобою бибиаш рафтааст. Ман Қуръонро хондаам ва фаҳмиши ман он аст, ки дар назди Худо ҳар кас худаш ба гуноҳаш ҷавоб мегӯяд. Дар он ҷо боз мешунавам, ки бо ифтихор мегӯянд «духтари хоҳарам ба фалони зани дуввум шуд» Конститутсия ба ёдам меояд ва ғайра. Ин амалу суханҳо дар назарам нописандӣ ба давлатдории мо барин менамояд.

Муҳаққиқи варзида С. Ятимов муътақид аст, ки даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид ва «Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму размаи ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд.» Бо зикри як силсила корҳои анҷомгирифтаи солҳои охир муаллиф натиҷагирӣ мекунад: «Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, эҳёгари маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард». Муаллифи китоб дар ин замина дар муроҷиат ба хонандагонаш менависад: «ҳамватанони мо, ки ҳазор сол азияти бедавлатӣ ва ғуломиро кашидаанд, зарурати ҳаётӣ аст, ҳама сар ба сар эҳсоси масъулияти миллатдӯстӣ ва ватанпарастӣ намоянд. Аз ҷаҳолати рӯ ба афзоиши оммавӣ худдорӣ кунанд.»

Муаллиф ҷасурона аз гуфтани он ҳақиқат худдорӣ намекунад, ки «аммо боиси афсӯс аст, ки дар ҳоли ҳозир, тамоюл ба таассубу хурофот ва дар ин асос зиёдаравӣ, гаравидан ба ҷараёнҳои динии ифротӣ, беэътиноӣ ба раванди ташаккули хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ аз дараҷаи тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар даҳсолаҳо қафо мондааст. Ин ҷараён хилофи ояндаи босуботи давлатдории миллӣ мебошад.» Ӯ ҳамчун арбоби давлатӣ ба натиҷаи дурусти илмӣ меояд, ки «бо изҳори таассуф таъкид бояд кард, ки раванди амалисозӣ гаштани ташаббуси таърихии Даврони Эҳёи миллати тоҷик хосияти зоҳирпарастона ва ҳисоботдиҳӣ касб кард. Дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории миллӣ ва шикасти руҳияи саҷдагорӣ ба фарҳанги бегонагон, раванди таассуб, хурофот, ки асоси маънавиёти ифротгароӣ ва терроризм мебошанд, ҳамчун амали муассир ба майдони набарди воқеӣ ворид гашта натавонист.»

Албатта, давлат ва ҳукумат дар ин бобат корҳои зиёдеро анҷом додааст, аммо ҳаёт, зиндагӣ организми зиндаи сиёсӣ аст ва он бознигариҳоро мехоҳад. Гумон мекунам, дар партави ин хулоса шояд дигаргунӣ дар системаи таълиму тарбияи умумӣ ва роҳнамоии идеологӣ ё соҳаҳои дигари маърифат зоҳир гардад. Муаллифи китоб дар ин маврид ба нақши зиёиён низ таваҷҷуҳи хоса дорад. Зеро маҳз онҳо бештар ва муваффақтар метавонанд «мардуми одиро муътақид сохтан, ки ягона роҳи халосӣ аз... ақибмондагӣ, эҳёи анъанаҳои миллӣ – қадимӣ аст, на он чизе, ки бегонагон ба сари онҳо бор кардаанд.»

Ин чанд нуктаро, ки дар рисолаи С. Ятимов омадааст, ҳамчун натиҷагирӣ ва пешниҳоди илмӣ шинохтан мумкин аст:

- миллати тоҷик дар шароити навини таърихӣ, бо таҷрибаи шашҳазорсола, барои муваффақона паси сар кардани Даврони Эҳё, ки оғози он эълом гардид, тамоми шароит – решаҳои тамаддунӣ, бунёди қавии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ақлонӣ ва генетикиро дорад. Фақат онро роҳандозии ҳарчи зудтар ва роҳнамоии тахассусмандона бояд.
- маҳз тарзи тафаккури хурофотӣ, таассубгароёна пайравии номусолиҳатомез ба ҳар гуна ҷараёнҳои динӣ, мазҳабӣ ва фанатизм мардумро ба ифроту тафрит мебарад. Ба ҳамин хотир, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии мардумро чун масъалаи калидии Эҳёи ҷомеа интихоб намуданд.
- қувваҳои ҳаракатдиҳандаи Даврони Эҳёи Аврупо бузургтарин олимон, хирадмандон, суханварон, донишмандон, рассомон, меъморон, муборизон, фидоиёни ватан ва миллати худ буданд.

Ман ба гуфтаи охир афзудан мехоҳам, ки ин гурӯҳи равшанфикрони тоҷик аз уҳдаи ин кор мебароянд.

**Иброҳим УСМОН,**
**публитсист**
**Бознашр аз рӯзномаи «Омӯзгор», №40 (12421), 05.10.2023**

**Иқтибос аз мақолаи собиқадори матбуот Шералӣ Яҳёев “Иҷлосия аз шарофати дурандешии вакилон таърихӣ шуд”, рӯзномаи “Садои мардум” 14.11. 2022**

Хушбахтона, вакилони мардумӣ дар Шӯрои Олӣ ақлу заковатро ба кор бурда, ба мувофиқа расиданд ва ниҳоят бо дастгирии ҳамдигар ҷавонтарин вакили мардумӣ, шахси далеру шуҷоъ Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шурои Олӣ интихоб карданд. 19-уми ноябри соли 1992 дар ҷараёни кори иҷлосия номзадҳои дигар ҳам пешбарӣ шуда буданд, аммо онҳо вазъияти мураккаби ҷомеаро дида, номзадиашонро бозпас гирифтанд. Танҳо мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавониаш нигоҳ накарда, пуштибони давлату миллат шуд ва масъулияти идоракунии давлати парокандаю милла-



ти парешонхотирро мардонавор бар дӯш гирифт. Баъди интихоб шудан ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нотавонбинон овозаҳо пахн карданд, ки ӯ аз уҳдаи роҳбарии давлати пошхӯрда намебарояд ва баъди ягон моҳ боз роҳбари дигар ҷустан лозим меояд, аммо вақт довари ҳаёт аст, мегӯянд. Гузашти солҳо собит сохт, ки вакилони мардумӣ дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интихоби Сарвари давлат хато накардаанд. Қасри Арбоб бошад, бо он воқеаи бузург чун иҷлосияи таърихӣ шуҳрати дигар ёфт ва дар саҳифаҳои неки таърих бо ҳарфҳои заррин навишта шуд.




## АЗ ТАЪРИХИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Конститутсия истилоҳи лотинӣ- constitution буда, маънои муқарраркунӣ ё тасдиқкуниро дорад. Бинобар сабаби эътибори хосса пайдо намудани конститутсия ҳамчун танзимкунандаи тамоми қонун ва қарорҳо дар сохторҳои гуногуни идоракунии давлат конститутсияро қонуни асосӣ ё ин, ки сарқонуни давлат ном мебаранд.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ маротиба конститутсия қабул гардидааст:

**28 - уми апрели соли 1929;**
**25 - уми феврали соли 1931;**
**1 - уми марти соли 1937:**
**14 -уми апрели соли 1978;**
**6 - уми ноябри соли 1994;**

Рӯзи 6- уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ бахшида ба қабули Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон 94,4%-и шаҳрвандон иштирок намуданд, ки 87,59 фоизи онҳо ба тарафдории қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овоз доданд, ва ҳамин тавр ҳамасола дар саросари кишвар шашуми ноябр Рӯзи Конститутсия ҷашн гирифта мешавад.

Дар давоми 32 соли истиқлолият ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шуд.

**26 -уми сентябри соли 1999;**
**22-юми июни соли 2003;**
**22-юми майи соли 2016.**

Соли 2016 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ оид ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ва ҳамчунин дар натиҷаи ворид кардани тағйирот, калимаи Сарқонун аз байн гирифта шуда, минбаъд танҳо “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ном бурдан дуруст аст.

**Алишер Ниёзов,**
**мудири китобхонаи илмии ДТТ**

## ТАҚВИЯТИ МАДАНИЯТИ ШАҲРНИШИНӢ МИЁНИ ҶАВОНОН

17-уми октябри соли 2023 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки сардори Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ миёни ноболиғон ва ҷавонони Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, полковники милитсия Шоҳиён Аълохӯҷа, муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, Гулзод Маҳкам Ҷумъа ва омӯзгорону



донишҷӯёни донишгоҳи мазкур таҳти унвони «Тақвияти маданияти шаҳрнишинӣ миёни ҷавонон» ҳамоиш баргузор гардид.

Ҳамоиш дар доираи дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати баргузор намудани суҳбату вохӯриҳо бо донишҷӯёни курсҳои якуми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҳудуди шаҳри Душанбе вобаста ба таъмини маданияти шаҳрнишинӣ, баланд бардоштани руҳияи ҷавонон дар самти тарбияи ватандӯстӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ, хизмати Модар - Ватан, зиракии сиёсӣ, пешгирии падидаҳои номатлуб, бегонапарастӣ, пешгирии исрофкориву хурофотпарастӣ ва эмин будан аз хатару таҳдидҳои ҷаҳони муосир дар нимсолаи аввали соли таҳсили 2023-2024 ва нақшаи чорабиниҳои тасдиқнамудаи Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи пойтахт ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуд.

Чорабиниро муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода оғоз нмуда, иброз дошт, ки баргузории чунин ҳамоишҳо имкон фароҳамме-



оранд, ки масъалаҳои умдаи муҳити ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ шуда, мақсад ва ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҷавонон бо дарназардошти хусусияти шаклгирии равандҳои дохилидавлатию умумихалқӣ аз дидгоҳи назариявию амалӣ боз ҳам амиқ ва равшантар шаванд.

Баъдан муовини сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе Гулзод Маҳкам Ҷумъа суханронӣ карда, иброз дошт, ки воқеан ҳам ҷавонон қувваи бузурги пешбарандаи ҷомеа ба ҳисоб рафта,ояндаи Тоҷикистон маҳз дар дасти онҳост. Аз ин рӯ, ҳар як ҷавонро зарур аст, ки баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифату маданияти шаҳрнишинӣ кӯшиш ба харҷ диҳад.

Сардори Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ миёни ноболиғон ва ҷавонони Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Шоҳиён Аълохӯҷа зимни суханронӣ қайд намуд, ки хушбахтона, сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон ва ноболиғон коҳиш ёфта истодааст. Мавсуф инчунин иброз дошт, ки ҳанӯз ҳам ҳолатҳои бо мошинҳои шахсӣ ба дарсҳо омадани донишҷӯён ба чашм мерасад. Аълохӯҷа Шоҳиён таъкид намуд, ки ҷавонон бояд ҳисси баланди ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ дошта, дар баробари қатъиян риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ хушёрию зиракии сиёсиро аз даст надода, ҳамеша дар ҳифзи марзу буми кишвар ва дастовардҳои истиқлолият бошанд

Дар хотимаи ҳамоиш Ситора Абдумуминзода ба меҳмонон барои суҳбати самимӣ изҳори сипос намуд.

**Амирҷон СОҲИБНАЗАРОВ,**
**мудири шуъбаи кор**
**бо ҷавонон ва варзиш**

## ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОН- ОМИЛИ ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

18-уми октябри соли равон дар донишгоҳ дар мавзуи «Тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон - омили таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ» ҳамоиш баргузор гардид, ки дар он муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Чоршанбезода Сураҷ Сайнак ва намояндагони кумита иштирок доштанд.

Дар ҳамоиш масъалаҳои муҳимми тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, вазъ ва дурнамо, аҳамияти тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар рушди устувори мамлакат, тарбияи ватандӯстӣ дар шароити рушди иҷтимоию иқтисодӣ, нақш ва мақоми занон дар тарбияи ватандӯстии ҷавонон ва ватандӯстӣ дар низоми арзишҳои ҷавонони Тоҷикистон баррасӣ ва арёзбӣ шуданд.

Ҳамоиш бо сухани ифтитоҳии муовини ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода оғоз ёфт. Гуфта шуд, ки соли гузашта аз ҷониби Парлумони мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» қабул гардид, ки мақсади асосии он дар замири шаҳрвандони мамлакат парваридани тарбияи эҳсоси муҳаббат ба Ватан, арзишҳои ватандорӣ, садоқат ба марзу буми аҷдодӣ ва фарҳангу маданияти ғании тоҷикон мебошад.

Чоршанбезода Сураҷ бедор намудани эҳсоси ватандӯстӣ дар замири ҷавононро яке аз воситаҳои муҳимми тарбия ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ин насли ояндасоз ҳисобида, иброз дошт, ки



ин восита дар ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавии ҷомеа нақши калидиро мебозад. Махсусан, тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ яке аз ҳадафҳои олии Ҳукумати кишвар ва яке аз самтҳои афзалиятнoки сиёсати давлатии кор бо ҷавонон мебошад. Ҳамзамон, дар идомаи ҳамоиш ба масъалаи пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ, тарбияи ҷавонон дар руҳияи худогоҳиву худшиносӣ, пешгирии хурофотпарастӣ, таҳкими ваҳдат ва сулҳу субот дар ҷомеа диққати махсус дода шуд.

Дар ҳамоиш ба унвони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва як қатор ҷавонони фаъоли муассисаи мазкур барои гузоштани саҳми муносиб дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон сипосномаҳои Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

**Л. НАБИЕВ,**
**мудири шуъбаи**
**тарғиботию фарҳангӣ**

## 24 НОЯБР-РӮЗИ ПАРЧАМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# СУХАНОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР БОРАИ ПАРЧАМИ МИЛЛӢ

Тоҷикон дар таърихи навини худ бо Парчами давлати соҳибихтиёр узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ гардиданд ва равобити дӯстиву ҳамкорӣ, аз ҷумла робитаҳои дипломатӣ ва иқтисодиву фарҳангиро бо аксари кишварҳои ҷаҳон ба роҳ монданд.

***

Парчами миллӣ, ки ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангсолори мо мебошад, ормону орзу ва мақсаду мароми тоҷиконро дар ҷилои рангҳои худ инъикос кардааст.

***

Боиси ифтихори ҳар яки мост, ки имрӯз дар қатори дигар кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар назди бинои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ парафшон мебошад.

***

Парчам яке аз рамзҳои асосиву муқаддаси давлатдории миллӣ ба ҳисоб рафта, мардуми шарифи Тоҷикистон ҳар сол санаи қабули онро бо ҳисси ифтихор аз Ватани муқаддаси худ ва давлати соҳибистиқлоли хеш таҷлил менамоянд.

***

Парчами давлати соҳибистиқлоли мо нишонаи таъриху фарҳанги бостониву пурғановати миллати тоҷик буда, ҳар як фарди ҷомеаро вазифадор менамояд, ки нисбат ба ин рамзи муқаддаси миллӣ эҳтиром ва арҷ гузорад.

***

Парчам рисолат ва неруи муттаҳидкунанда дорад, зеро он дарбаргиранда ва таҷассуми арзишҳои сиёсиву фарҳангӣ ва ғояву ҳадафҳои миллӣ мебошад.

***

Маҳз бо парафшонии ин рамзи муқаддас мо ҳоло пояҳои давлати соҳибистиқлоламонро таҳким бахшида, барои ба як мулки ободу пешрафта табдил додани Тоҷикистони маҳбубамон саъю талош карда истодаем.

***

Қарзи фарзандӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар яки мост, ки ба Парчами давлатӣ- ин рамзи истиқлолу озодӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ, ватандориву ватанпарастӣ ва ҳувияти миллӣ арҷ гузорем.

***

Парчами миллӣ имрӯз чун рамзи давлатдории тоҷикон дар бинои тамоми идораҳои давлативу маъмурӣ, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо, муассисаҳои таълимӣ, иншооти варзиш, ҳуҷраҳои корӣ ва хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон насб гардида, мардуми моро дар ҷодаи сарсабзиву ободӣ ва зиндагии босаодат руҳу илҳом мебахшад.

---

**"Парчами миллӣ" яке аз рамзҳои муҳими Истиқлоли миллӣ ва давлатдории муосири мо, таҷассумгари асосҳои таърихӣ ва рамзҳои давлатдории гузаштаи тоҷикон, инчунин ифодакунандаи мақсаду мароми ва орзуву ормонҳои тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад".**

**Эмомалӣ Раҳмон**

# ПАРЧАМИ НАНГУ НОМИ МО

Башарият дар дарозои мавҷудияти худ ҳанӯз дар бомдоди тамаддун ҷиҳати фарқ кунонидани умумияти хеш аз дигар гурӯҳу тудаҳои инсонӣ аз рамзҳои гуногун истифода намудааст. Яъне рамзҳоро ҷиҳати худшиносиву огоҳӣ ва бартарияту тафовут ва ифтихор истифода намудааст. Баъдан, зимни роҳи тамаддуну фарҳангофарӣ, офаридани таърих, санъат, дину мазҳаб, адабиёт, ахлоқ ва дигар арзишҳои маънавӣ рамзҳои зиёдеро эҷод ва корбаст намудааст, ки ҳар яки онҳо таърих, саргузашт, мазмуну моҳият ва мантиқи худро дорад. Агар ба назари таҳқиқ ва таҳлил ба рамзҳо нигарем, ҳар як рамз то андозае равшангари таърих, сарнавишти қавмҳо, халқиятҳо, миллату давлат, инъикосгари фарҳангу тамаддун, орзуву ормонҳои мардумонд. Рамзҳо метавонанд хеле гуногун бошанд, мисли Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, муҳри давлатӣ ва ғайра. Дар ин миён парчам ҳамчун рамзи таърихӣ хеле бою рангин ва қадимаро дорост. Бостоншиносон, муаррихони таърих парчамро басо қадим ва пайдоишу истифодаи онро ҳанӯз дар давраҳои антиқа, солшумории то мелод меҳисобанд. Имрӯз мавҷудияти ҳеҷ як давлат, озодӣ ва истиқлоли онро бидуни парчам наметавон тасаввур намуд.

Парчами миллӣ нахустин нишони муқаддаси ҳар кишвару ҳар халқ буда, ифтихор, нанг, шарафи ҳар мамлакат ва соҳибони он аст. Парчами миллӣ симои сиёсии ҳар кишварро дар саҳти ҷаҳонӣ таҷассум мекунад. Ҳусни ин симо, натиҷаи ин симо, мазмуну мароми ин симоро нишон медиҳад.

Дар арсаи давлатдорӣ рамз ва муқаддасоти давлатӣ дар мисоли Парчам, Суруди миллӣ, Нишони давлатӣ ва Пули миллӣ амри зарурӣ махсуб меёбад ва давлати миллӣ бар мабнои асл ва мушаххасоти мазкур дар ҷуғрофиёи сиёсии ҷаҳонӣ мақом ва ҷойгоҳ касб менамояд. Аз ин ҷост, ки давлатдорӣ бидуни символикаи сиёсӣ ва давлатӣ асл ва моҳияти худро гум мекунад ва дар баробари вокеиятҳои рӯзмарраи башарӣ, ки ба кайфияти иктидороти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва маданӣ бастагӣ доранд, посухгӯ буда наметавонад. Аз суйи дигар, ҳар давлати миллӣ, ки бар асоси иродаи сиёсии миллат ва халқ зуҳур карда, манофеи миллию давлатиро дунбол мекунад, ба рамз ва муқаддасоти давлатӣ арҷ мегузорад ва ин арҷгузорӣ аломат ва нишонаи истиқлоли сиёсию давлатӣ ва шумор меравад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, рамзҳои давлатӣ баёнгари ҳувияти давлати миллӣ дар замон ва макони мушаххасанд.

Мусаллам аст, ки символикаи давлатӣ дар мисоли парчамдорӣ ҳанӯз дар бомдоди фарҳанги бумӣ дар қадимтарин асотири аҷдодию миллӣ инъикос ёфта, рамзи иттиҳод ва ҳамбастагии миллию мардумӣ будааст. Парчами коваёнӣ, ки дар устураи Фаридун ба номи наҳмояндаи қишри заҳматкаши мардумӣ Коваи Оҳангар ихтисос ёфтааст, инъикосгари ҳамбастагии мардумӣ ва инсиҷоми ҷамъӣ дар муқобили зулму истибдоди Заҳҳоки аҷнабӣ буда, минбаъд дар фарҳанги сиёсӣ ва давлатдории миллӣ ба сифати меъёри низоми ҳукуматдорӣ мавриди корбаст қарор гирифтааст.



Дар асотире, ки ба парчами миллӣ (дирафши коваёнӣ) иртибот дорад, ин нукта таъкид мегардад, ки Заҳҳоки морбардӯш зулму ситамро бар мардум раво мебинад ва Коваи оҳангар, ки 17 фарзандаш туъмаи морҳои он шоҳи разолатпеша гардида буданд, алайҳи беадолатӣ пархош карда, пешбанди чармини худро бар чӯбе баста, ба сифати парчам боло бардошта, мардумро атрофаш ҷамъ меоварад. Тахти сиёсати дирафши коваёнӣ мардум алайҳи беадолатӣ бармехезанд ва асли бадгавҳарӣ – Заҳҳоки мордӯш аз тахт барандохта мешавад ва Фаридунро ба маснади шоҳӣ бармегузинанд. Фаридун дастур медиҳад, ки дирафши коваёниро бо дебоҳои зарду сурху бунафш ороста шуда, ба он зару гавҳар афзуда, онро парчами шоҳӣ унвон кунанд. Ба ин тартиб парчами коваён дар фарҳанги сиёсӣ ва давлатсозии миллӣ зуҳур мекунад. Бар замми ин, паҳлавонони номӣ Рустам, Гударз, Тус, Гев, Сиёвуш ва амсоли инҳо диравши хешро доштанд ва ҳангоми дифоъ аз марзу буми аҷдодӣ онро ба унвони иктидори фарогири маънавӣ ва миллӣ бармеафрӯштанд.

Дар таърихи миллии пасазисломӣ дар робита бо мушаххасоти дирафши коваёнӣ таъкидоту ишороти зиёде шудааст. Ба гунаи намуна, муаллифи китоби "Таърихи Табарӣ" дар мавриди хасоиси дирафши коваёнӣ овардааст: "Дирафши коваёнӣ аз пӯсти паланг дуруст шуда ва дарозои он дувоздаҳ араш буд ва агар ҳар арашро, ки фосилаи байни нуки ангуштони даст то бандгоҳи оринҷ аст, 60 сантиметр ба ҳисоб оварем, тақрибан панҷ метр арз ва ҳафт метр тӯл мешавад". Ибни Халдун илова мекунад, ки дирафши коваёнӣ дорои ситораe дар марказ будааст ва миёни мардуми он замон ривояте бад-ин мазмун роиҷ гардида, ки ҳар кӣ ин дирафшро ҳамл мекунад, шикастнопазир аст. Муаррих, бостоншинос ва ироншиноси маъруфи урупоӣ Артур Кристенсен (A. Christensen) дирафши коваёниро ба сифати парчами салтанатии Сосониён пазируфта, истидлол кардааст, ки устураи Кова бо таваҷҷуҳ ба хонадони "Корен" (Karen), ки таборашро то ба "Корен" (Qaren) писари Кова пай гирифта будааст. Муаррихи шведӣ Стиг Викандер (S. Wikander) ба дидгоҳи Кристенсен мувофиқ буда, меафзояд, ки ин дирафшро гурӯҳе аз мардони ҷангҷӯйи авастоӣ, нигаҳбонон ва роҳибони ҷангии дини зардуштӣ ҳам бо худ ҳамл мекардаанд. Ба назари Стиг Викандер, дирафши коваёнӣ дар замони Портӣ (Ашкониён) парчами миллии Эрон будааст. Дар сиккаҳо сабт ёфтани дирафши коваёнӣ баёнгари он аст, ки парчами миллӣ дар ҳар давре аз таърихи ватанӣ ба унвони муқаддасаи давлатӣ, сиёсӣ, мафкуравӣ, фарҳангӣ ва мардумӣ муаррифӣ мешудааст.

Бад-ин тарика, дирафши коваёнӣ бо номҳои дигаре, мисли "дирафши коваёнӣ", "дирафши коваён", "дирафши каёнӣ", "ахтари коваёнӣ" ва "аламе Фаридун" мутадовил будааст. Ин парчам дирафши устураӣ ва таърихии миллӣ ба ҳисоб рафта, аз даврони куҳан то поёни шоҳаншоҳии Сосониён ба унвони символи давлатдорӣ муаррифӣ шуда, ба қавли таърихнигорони замони исломӣ, "ҳазор-ҳазор" (як миллион) сиккаи тилло арзиш доштааст. Ин дирафш пас аз ҳамлаи арабҳо ба дасти истилогарон афтида, аз байн бурда мешавад. Иттифоқан, дирафши коваёнӣ ба муддати зиёда аз 950 сол минҳайси парчами расмии давлатдории миллӣ дар бандубасти сохтори сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ, идеологӣ, ахлоқӣ ва мадании мардуми форсу тоҷик, бавежа, бозсозии давлати миллӣ, ҳамчунин тақвияти раванди муборизаҳои озодихоҳона ва муковиматҳои шадид алайҳи ғосибону бегонагон нақши калидӣ доштааст. Минҷумла, Яъқуб Лайси Саффорӣ ҳангоми киёми худ алайҳи Аббосиён дар колиби шеъре, ки худ эҷод карда, унвонии халифа ирсол дошта буд, чунин ишора намудааст: "Дирафши коваён (Алам-ул-Кобиён) ҳамроҳи ман аст ва умедворам, ки зери сояи он бар миллатҳо фармонравой кунам". Зимнан, парчами коваёнӣ ва ё каёнӣ намоде аз меҳанпарастӣ буда, имрӯз ҳам бо даргузашти ҳазорон сол мавқеият ва ҷойгоҳи худро дар низоми иҷтимоӣ, маданӣ ва давлатдории миллӣ гум накардааст, ҳамчунон побарҷост.

Атрофи муқаддасоти сиёсию давлатӣ, аз ҷумла Парчами миллӣ муттаҳид шудани мардум ва табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ дар таърихи ватанӣ собиқаи тӯлонӣ дорад. Мардуми тоҷик дар тӯли таърих пайваста рӯйи муқаддасоти миллӣ тамаркуз кардаанд ва раванди муқовимат ва муборизаи мардум бар зидди зулму истибдоди аҷнабиён, аз ҷумла юнониён, румиҳо, арабҳо, турку муғулҳо ин иддаоро собит месозад, ки символикаи давлатдорӣ дар таҳкими бедории миллӣ нақши калидӣ дошт ва дорад. Ин аст, ки дар доираи фарҳанги сиёсии миллӣ аз қадимтарин замонҳо эҳтиром ба муқаддасоти давлатӣ асли зарурӣ маҳсуб шуда, ҳамеша мавзуи матраҳ буд ва ҳаст. Аз ин лиҳоз, давлати муосири миллӣ ва мардуми Тоҷикистон бар мабнои ифтихороти давлатдорӣ солҳост санаи 24 ноябрро ба унвони Рӯзи Парчами давлатӣ ва тантанаи давлатдории навини тоҷикон таҷлил мекунанд.

Давлати ҷавони Тоҷикистон, ки 9 сентябри соли ҷорӣ 32-солагии Истиқлоли давлатиашро таҷлил кард, ба арсаи таърихи миллӣ бо мақом ва ҷойгоҳи махсус бахшидани рамзҳои давлатӣ дар низоми давлатдорӣ ворид гардид. Ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ давлатдории худро дар марҳилаи навин шуруъ карда, ҷиҳати таҳаққуқ бахшидани муқаддасоти миллию давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тасвиб расонд. Ҳанӯз 24 ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд. Баъдан, 22 ноябри соли 1994 Шурои Олӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи даровардани илова ба Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро ба имзо расонд. Дар арафаи 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон баландтарин бурҷи парчам дар ҷаҳон дар маркази пойтахти мо -- шаҳри Душанбе, дар канори ҷапи Қасри Миллат ифтитоҳ гардид. Ҳамин тариқ, парчами Тоҷикистон бо иртифои 165 метр соли 2011 ба Китоби рекордҳои Гиннес ворид шуд. Дарозии матои ин парчам 60 ва паҳнои он 30 метрро ташкил медиҳад. Парлумони Тоҷикистон ҳанӯз соли 2009 санадеро ба имзо расонида буд, ки тибқи он ҳар сол 24-уми ноябр Рӯзи парчами миллӣ таҷлил мегардад.

Бодарназардоштифазова муҳити миллӣ тарҳи масъалаи муқаддасоти давлатӣ, аз ҷумла Парчами миллӣ имконпазир гардид ва давлати ҷавони Тоҷикистон бо такя ба мероси гузаштаи миллӣ ва таҷрибаи давлатдории башарӣ муқаддасоти давлатиро таъйин кард. Парчами миллӣ ба сифати асл ва мушаххасаи давлатӣ дар таҳкими иктидори сиёсӣ ва тақвияти раванди давлатсозии миллӣ таъсири ҷиддӣ гузошт. Интихоби маҷмуаи рамз ва символикае, ки дар Нишони давлатӣ таҷассум ёфтааст, ба муҳит ва фазои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ, ахлоқӣ, мафкуравӣ ва фарҳангии тоҷик созгор аст.

Имрӯз боиси ифтихори ҳар фарди тоҷику тоҷикистонист, ки дар кишвари озоди соҳибистиқлол ва демкративу дунявии Тоҷикистон кор ва зиндагӣ мекунанд. Яке аз рамзҳои асосии сохбдавлатӣ ин дорои Парчами миллӣ будан аст. Дар дунё миллатҳои зиёде мавҷуданд, ки дорои давлати соҳибистиқлол ва нишону парчам нестанд. Аз ин рӯ, ҳар фарди бонангу номуси ин миллати куҳанбунёди тоҷикро зарур аст, то арзишҳои баланди соҳибистиқлолиро дарк намуда, боз ҳам барои пешрафту ободии кишвар, таҳкими дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, ва партафшонии Парчами Миллӣ саҳмгузор бошад. Махсусан ҷавонон ва донишҷӯёнро зарур аст, то илмҳои замонавиро аз худ намуда, ҳамчун мутахассисони баркамол бароиояндаи давлату миллат кӯшиш ба харҷ диҳанд. Ҳар яки мо бояд зери ин муқаддасоти миллӣ гирдиҳам омада, барои пешрафти Ватани азизамон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои бузургтар тахти сарварии Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин роҳ сидқан фаъолият намоем.

Бигзор, Парчами давлатӣ ҳамчун рамзи сарҷамъӣ, иттиҳод, пирӯзӣ ва ҳамбастагии миллат ва мардуми тоҷик ҳамеша парафшон бошад.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ**

**Тарғиби либоси миллӣ**

# САҲМИ БОНУВОН ДАР ҲИФЗИ ЛИБОСИ МИЛЛӢ ВА ПЕШГИРИИ БЕГОНАПАРАСТӢ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми суханрониҳои худ доир ба аҳамияти либоси миллӣ ва нақши бонувон дар ҳифзу тарғиби он таъкид менамоянд. Пешвои миллат хирадмандона ва дурбинона муҳиммияти ин масъаларо барои мо бонувони Тоҷикистон ёдрас менамоянд, ки ҳар яки мо бояд нисбати ин масъалаи муҳим масъулиятро ҳис намоем ва саҳми худро дар ҳифзи либои миллӣ гузорем.

Либоси миллӣ муаррифгари фарҳанги миллӣ ва нишоне аз таърихи фарҳанги гузаштаю имрӯзаи ҳар як миллат аст. Тамоми миллатҳои дунёро аз либоси ба бар намудаашон зуд шинохтан мумкин аст. Ҳар нақши либоси миллӣ аз таърихи миллатҳо нақл мекунад. Чуноне, ки ороиши либоси миллии мо тоҷикон чакан баёнгари фарҳанги тамаддунофари мост. Барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва худшиносӣ ҳифзи либоси миллӣ муҳим мебошад.

Бонувон тарғибгари асосии либоси миллӣ мебошанд. Ҳар бонуи тоҷик вақте ки аҳамияти либоси миллиро дарк менамояд, ҳеҷ гоҳ ба бегонапарастӣ роҳ надода, эҳтиром ба арзишҳои либоси худ мегузорад ва ҳаргиз пироҳани бегонаро сазовори тани худ намедонад. Бешубҳа, имрӯзҳо либоси миллии мо тоҷикон дар ҷаҳон мавқеи худро дорад ва бо зебоигию аҳамияти таърихии худ таваҷҷуҳи мардуми оламро метавонад ба худ ҷалб намояд. Бегонапарастӣ дар пӯшидани либос миёни бонувон баёнгари надонистани аҳамияти либоси миллӣ, аҳамияти он дар муаррифии миллат мебошад. Бонувони худшинос ҳаргиз либоси бегонаро ба бар наменамоянд. Бо либоси бегона, ки ҳаргиз муаррифгари миллати мо буда наметавонад, ифтихор намекунанд.

Муҳиммияти либоси миллӣ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки барои ягонагии давлату миллати худро ҳифз намудан, бояд ҳамаҷониба тоҷикона намоён бошем. Тоҷикона либос пӯшем, тоҷикона ҳарф занем, тоҷикона рафтор кунем. Ба ҷаҳониён нишон диҳем, ки тоҷик дар таърих як миллати бузург буд ва ин бузургии худро то имрӯз ҳифз кардааст. Аз айёми хурдӣ ба ҷавондухтарон аҳамияти либоси миллиро бояд фаҳмонем, ба тоҷикона пӯшидан онҳоро одат кунонем. Зеро ҳар як миллатро аз рӯйи либосаш зуд мешиносанд ва бо як дидан миллаташро аз либосаш муайян менамоянд.

Бегонапарастӣ, ки аз ноогоҳӣ ва нодонӣ аст, бояд аз хурдсолӣ ба наслҳои имрӯзу ояндаи мо фаҳмонида шавад. Вобаста ба ин бисёр хуб аст:

- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои гуногун доир ба аҳамияти либоси миллӣ дар боғча, мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ ба монанди литсей, коллеҷ ва донишкадаю донишгоҳҳо;
- таъсис ва нашри рӯзномаи алоҳида бо унвони «Тоҷикона мепӯшам»;
- нашри китобҳо оид ба либоси миллӣ;
- танзими нуктаҳои фурӯши либос;
- корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ дар маҳаллаҳо.

**ШОҲЗОДА Назира Изатулло,**
**мудири бахши кор**
**бо занон ва духтарони**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

## ШОҲҶОИЗА СОҲИБАШРО ЁФТ




**28- уми октябр дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими ҷоизасупории ғолибони озмуни ҷумҳуриявии “Илм – фурӯғи маърифат” баргузор гардид.**

Нахуст, муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён аз номи сарпарсати озмун муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат иштирокчиёну ғолибони озмунро табрику таҳният гуфта, иброз дошт, ки озмуни мазкур соли сеюм аст, ки дар сатҳи баланд гузаронида мешавад. Озмун сол то сол такмил ёфта, соли чорӣ ба он тағйиротҳои нав ворид карда шуданд. Аз ҷумла шумораи ғолибони озмун зиёд карда шуд. Боварӣ дорам ки,- суханашро давом дода гуфт М.Сатториён,- солҳои оянда низ шумораи ғолибони озмун бештар гардида, истеъдодҳои нав муаррифӣ мегарданд.

Давоми панҷ рӯз ҳакамони салоҳиятнок дастовардҳои иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии озмунро воқеъбинона баҳогузорӣ карда аз рӯи номинатсияҳои зерин ғолибонро муайян намуданд: “Математика”, “Физика ва астрономия”, “Химия”, “Биология “ (ботаника, анатомия, зоология) “География”, “Технологияи иттилоотӣ”, “Ихтироъкорӣ ва навоварӣ”.

Бояд ёдовар шуд, шоҳҷоизаи озмун, ки тайи ду сол касе аз иштирокчиён онро соҳиб нагардида буд, дар ин озмун соҳибашро пайдо кард. Ғолиби шоҳҷоиза аз номинатсияи “Ихтроъкорӣ ва навоварӣ байни аспирантон, докторантон, ходимони илмӣ ва намояндагони касбу кори гуногун Ҷаҳонгир Дадаҷонов, омӯзгори Донишгоҳи тиббии Хатлон дониста шуда, бо дипломи дараҷаи 1 ва мукофоти пулӣ ба миқдори 70 ҳазор сомонӣ сарфароз гардонида шуд.

Шоҳҷоизаро Матлубахон Сатториён дар вазъияти тантанавӣ ба Ҷ. Дадаҷонов супорида, ба ӯ хушбахтӣ ва барору комёбӣ орзу намуд.

Дар ҷараёни маросими ҷоизасупорӣ ҳунармандони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов, ансамблҳои “Зебо” ва “Гулшан” бо сурудҳои дилнишин ва рақсҳои ҷаззоб табъи ҳозиринро шод гардонида, ба чорабинӣ шукӯҳи тоза бахшиданд.

**Р. ШАРИФ**

# АНДАРЗҲО

Як нишонаи бузургӣ, хоксорӣ (хок) аст, чунки хок (ганҷ) сарчашмаи асосии зиндагӣ мебошад.

***

Сабр-омили муҳимми зиндагӣ буда, муҳлаташ ба хусусияти хоси кор (масъала) вобаста аст.

***

Аз тезгузарии вақт бояд гузашти зиндагӣ омӯхт.

***

Ҳаёт зиддиятнок ва пандомӯз аст.

***

Одами беҳад гарм дар зиндагӣ тез месӯзад, чунки зиндагӣ худ сӯхтану сохтан аст.

***

Дониш ақл аст.

***

Одам бояд аз кӯдакон ширинзабонию меҳрубонӣ ва аз пирон хирадмандию солорӣ биомӯзад.

***

Меҳнатдӯстӣ шарти муҳимми пешравӣ ва такмилёбӣ мебошад.

***

Зиндагӣ ҳаллу фасли зиддият ва муаммоҳост.

***

Одами кибру ғурурнок бо кибру ғуруроаш овора.

***

Риояи ҳамешагии қонуну қоида, натиҷаи маданияти баланд ва адолатпешагӣ аст.

***

Муҳимтарин роҳи аз байн бурдани нокомиҳо боло бурдани тафаккур ва некӯаҳволии мардум мебошад.

***

Се роҳи бартарафнамоии тирагии табъ:

-ҳамеша дар тафаккур нигоҳдошти ақидаҳои нек:

-варзиши мунтазами ҳамарӯза:

-табассуми (хандаи) самимӣ ва хӯроки саривақтӣ.

***

Тирагии давомноки табъ ба саломатӣ зарар дорад.

***

Шахсе, ки аз роҳи бад намегардад, охир ба бад гирифтор мегардад

***

Рафтан нашояд чое, ки худро норохат ҳис менамоӣ

***

Инсон на фақат боақл, ҳамчунин бояд бофаросат (одобу маърифат) бошад.

***

Шахсе, ки ба мадум хизмати шоиста мекунад, кораш бобарор ва амволаш бобаракат мегардад.

***

Одам бояд некии дигаронро ҳамеша дар хотир дорад ва некии худашро ба дигарон, фаромӯш намояд.

***

Бояд некии дигаронро- қарз ва некии худро ба дигарон-ҳамчун мукофот шуморид.

***

Такмилёбӣ ҳудуд надорад.

***

Инсони комил бояд аз ягон кас наранҷад, чунки “хислат”-и одамонро фаҳмида мебахшад.

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР:
Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха